Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

25 марти соли 2020. Чоршанбе № 26 (14625)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ХАБАР

ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ СЕЮМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

24 марти соли 2020 ҷамъомади умумии сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, ки дар он намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ширкат варзиданд.

Ба кори ҷамъмад, ки дар шакли видеоконфронс баргузор шуд, раиси Сенати Олий Маҷлис Танзил Норбоев роҳбарӣ кард.

Дар ҷамъомади умумӣ аъзои Сенат як қатор ҳуҷҷатҳои қонунгузориро баррасӣ намуд.

Сенаторон Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси чиноӣ, Кодекси мурофиавии чиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Кодекси Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ»-ро баррасӣ намуданд.

Қонун ҷавобгарии чиноиро барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ оид ба карантин ва дигар сироятҳое, ки барои одамон хатарноканд, инчунин паҳн кардани онҳо тавассути интишор ва ё ки бо роҳи зиёд гардондани матн бо услуби дигар ё тавассути ВАО ва шабакаи интернет пешбинӣ менамояд.

Барои вайрон кардани қонунгузории санитарӣ ё қоидаҳои мубориза бар зидди эпидемия, ки боиси пайдоиши хатари воқеии сироятии оммавӣ ё захролудшавии одамон мегардад, ҳангоми бидуни сабаби асосноқ иҷро нанамудани талаботи мақомоти Назорати давлатии санитарӣ оиди аз муоинаи тиббӣ гузаштан ва муолиҷа намудан, ба ҷои барои карантин таъиншуда омадан ва тарк накардани ҷой дар мӯҳлати муқарраршуда, ошкор накардани маълумот дар бораи шахсон дар давраи инкубатсионии беморӣ ва ҷои истиқомати онҳо, инчунин дигар талаботи ҳуқуқӣ ҷавобгарии чиноӣ пурзӯр гардонда мешавад.

Кодекс дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ бо меъёре, ки истифодаи чораҳои маҷбуриро дар ҳолатҳои пайдоиш ва паҳншавии карантин ва дигар сироятҳои барои одамон хавфноқ пешбинӣ менамояд, пурра карда мешавад.

Аз ҷумла, нисбати шахсе, ки вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои зиддиэпидемиологӣ дар доираи пайдоиш ва паҳншавии карантин ва дигар сироятҳои барои инсон хавфноқ қонуншиканӣ содир кардааст, мақомоти Назорати давлатии санитарӣ дар сурати мавҷуд будани асосҳои тиббӣ метавонанд чораҳои маҷбурии тиббиро дар шакли карантин ё табобат истифода баранд.

Чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ якҷоя бо таъин кардани ҷазои маъмурӣ ба мӯҳлати то 30 рӯз татбиқ карда мешаванд ва ичрои онҳо дар ҷойҳое, ки мақомоти Назорати давлатии санитарӣ муқаррар кардаанд, татбиқ карда мешаванд.

Иҷрои чораҳои маҷбурии тиббиро мақомоти Назорати давлатии санитарӣ, корҳои дохилӣ ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъмин мекунанд.

Ҷавобгарии маъмурӣ барои дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии инфексияҳои карантин ва дигари барои инсон хавфноқ бидуни маска будан, аз ҷумла риоя накардани тартиби дохилии беморхона дар ҷунин шароит, инчунин бидуни сабаби асосноқ иҷро накардани талаботи Назорати давлатии санитарӣ оид ба муоина ва табобат, омадан ба ҷои таъиншуда барои карантин ва набаромадан аз ҷой дар вақти муқарраргардида, ошкор накардани маълумот дар бораи шахсон дар давраи инкубатсионии беморӣ ва ҷойҳои буду боши онҳо ва дигар талаботи ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд.

Ҳамзамон, ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳатмии муқаррарнамудаи пешгирии пайдоиш ё паҳншавии карантин ва дигар сироятҳои барои одамон хавфноқ таҳдид дода мешавад.

Сипас сенаторон Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистонро «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба муносибати такмил додани қонунгузорӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва шаҳрвандон нигаронда шудааст» баррасӣ карданд.

Қонун дохил намудани тағйирот ва иловаҳоро ба қонунҳо «Дар бораи фаъолияти ҷустуҷӯи зудамал», «Дар бораи кафолати фаъолияти адвокатӣ ва ҳимояи иҷтимоии адвокатҳо» ва Кодекси ҷустуҷӯии мурофиавӣ пешбинӣ менамояд.

Аз он ҷумла, ба ӯҳдаи Гвардияи миллӣ гузоштани ваколат доир ба татбиқи фаъолияти зудамали ҷустуҷӯӣ, муқаррар намудани руйхати парвандаи ҷустуҷӯии зудамал ва тартиби ҳуҷҷатнигории он аз ҷониби мақомоте, ки фаъолияти зудамали ҷустуҷӯиро ба амал татбиқ менамояд, ба амал татбиқ намудани ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи фаъолияти ҷустуҷӯи зудамал, аз он ҷумла доир ба масъалаҳои иштироки ходимони мақомоти ваколатдори мамлакат, инчунин давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои соҳавии байналхалқӣ дар чорабиниҳои муштарак дар муборизаи бар зидди ҷиноятҳо.

Хелҳои нави чорабиниҳои зудамали ҷустуҷӯӣ ба амал татбиқ мегардад:

– муоинаи воситаҳои техникӣ (компютер ва василаҳои алоқа);

– назорати гуфтугӯҳо, таҳвили хабар ва маълумотҳое, ки аз тариқи воситаҳои телекоммуникатсия ба амал бароварда мешаванд;

– ба даст овардани маълумот дар бораи васл намудани байни абонентҳо ё худ воситаҳои абонентӣ.

Ба амал овардани чорабиниҳои ҷустуҷӯии зудамали мазкур ба ӯҳдаи мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ гузошта мешавад.

Барои назорати гуфтугӯи адвокатҳо, таҳвили хабар ва маълумоте, ки аз тариқи телефон ва дигар воситаҳои телекоммуникатсия ба амал оварда мешавад, аз ҷониби прокурор санксия гирифта мешавад.

Тартиби мурофиавии чорабиниҳои мазкури ҷустуҷӯии зудамал аз ҷониби Кодекси чиноиву мурофиавӣ ифшо карда мешавад.

Пас аз он аъзои Сенат Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи муқаррар намудани Рӯзи ҷашни забони ӯзбекӣ»-ро муҳокима намуданд.

Қабул гардидани қонун барои баланд бардоштани нуфузи забони ӯзбекӣ дар ҷамъият ва дар арсаи байналхалқӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ватанпарварӣ, садоқат ба анъана ва арзишҳои миллӣ нигаронда шудааст.

Қонун Рӯзи ҷашни забони ӯзбекӣ муқаррар намудани 21 октябрро пешбинӣ менамояд.

Пас аз он аъзои Сенат Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъсиси ордени «Соғлом авлод учун» дараҷаҳои III ва IV» ва Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъсиси медали «Соғлом авлод учун»-ро баррасӣ намуданд.

Қонунҳои мазкур мукофотонидани шаҳрвандонро барои хизматҳои арзанда дар чиҳати тарғиб ва дар байни аҳолӣ оммависозии тарзи ҳаёти солим, ташаккули насли рушднамудаи аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим пешбинӣ менамояд.

Қонунҳои мазкур инчунин дохил намудани тағйироти дахлдорро ба Қонун «Дар бораи мукофотҳои давлатӣ» пешбинӣ менамоянд.

Пас аз он сенаторон масъаларо дар бораи дар ҳайати вилояти Хоразм таъсис додани ноҳияи Тупроққалъа ва тағйир додани сарҳади ноҳияи Ҳазораспро муҳокима намуданд.

Дар ҳайати вилояти Хоразм ташкил намудани ноҳияи Тупроққалъа ва минбаъд рушд намудани шаҳри Питнак ба сифати маркази маъмурии ноҳияи мазкур мусоидат менамояд. Аз рӯи масъалаи мазкур қарори дахлдор қабул гардид.

Дар ҷараёни ҷамъомади умумӣ инчунин масъалаи собит намудани чандин қарори Шӯрои Сенати Олий Маҷлис баррасӣ шуд. Доир ба масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои марбути Сенат қабул гардиданд.

Дар ҷараёни ҷамъомади умумии сеюм ҳафт масъала муҳокима гардида, аз он ҷумла панҷ қонун тасдиқ гардид. Қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аз ҷониби сенаторон тасдиқ гардиданд, ба таъмини ҳуқуқу тартибот ва суботноки дар ҷамъият, минбаъд мустаҳкам намудани пойгоҳи ҳуқуқии ислоҳот ва баланд бардоштани самаранокии бозсозиҳои доманфарохи дар мамлакат татбиқгарданда нигаронда шудааст.

Бо ҳамин ҷамъомади умумии сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон кори худро ба поён расонд.

Хидмати матбуоти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Муборакбодӣ ба Президент ва Сарвазири Покистон

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 марти Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Ориф Алвӣ ва Сарвазир Имрон Хонро бо ҷашни миллӣ – Рӯзи Покистон муборакбод намуд.

ЎзА.

МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

Ба унвони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз номи сарони давлатҳо ба муносибати ҷашни Наврӯз муборакбодиҳои самимӣ мерасанд.

Ба ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба Шумо ва халқи Ӯзбекистон Наврӯзи неку хурсандиоварро таманно дорам. Он барои ҳама ҷашни махсуси оромиву осудагӣ ва эҳё мебошад. Соли равон ҷашн моҳияти бештар дорад, зеро кишварҳои мо барои таъмин сохтани сулҳу салоҳ ва эътидол дар Афғонистон бомуваффақият ҳамкорӣ мекунанд.

Ҳамчунин мушоҳида кардани пешрафт дар барномаи ислоҳоти васеъмиқёси Шумо хушоянд мебошад. Бо назардошти он, ки Шумо дар ин роҳ баҳри шукуфоии кишваратон пеш меравед, Иёлоти Муттаҳида шарики қатъиву бебадал ва дӯсти Шумову мардуми Ӯзбекистон бокӣ мемонанд.

Наврӯз муборак бод!

Бо эҳтиром

Доналд Ҷ. ТРАМП,
Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

***

Ба ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Иҷозат диҳед аз номи ҳукумат ва халқи Чин, ҳамчунин шахсан аз номи худ Шумо ва дар шахси Шумо ҳукумат ва халқи Ӯзбекистонро ба муносибати ҷашни баҳор – Наврӯз самимона табрик намоям.

Солҳои охир дар муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Чин ва Ӯзбекистон анъанаҳои неки рушд ҳифз мешаванд. Эътимоди тарафайни сиёсӣ мунтазам мустаҳкам мегардад, дар татбиқ сохтани лоиҳаи муштараки «Як макон, як роҳ» натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд, ҳамкориҳои кишварҳоямон дар арсаи байналмилалӣ муттасил ва самарабахш пеш мераванд. Ҳамаи ин ба рушди минбаъдаи муносибатҳои чиниву ӯзбекистонӣ пешомадҳои васеъ фароҳам меоваранд. Дар муборизаи муштарак бо эпидемияи коронавирус Чин ва Ӯзбекистон яқдигарро дастгирӣ менамоянд ва ҳамкории қарин доранд, ки дараҷаи олии робитаҳои дуҷонибаро аз ҳар ҷиҳат намоиш медиҳад. Ман ба ин баҳои баланд медиҳам.

Тайёрам бо Шумо дар бобати пешбурди муттасили муносибатҳоямон ба манфиати ду кишвар ва ду халқ иртиботи қарин дошта бошам.

Ба Шумо саломатии мустаҳкам ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳои бузург, ба халқи бародари Ӯзбекистон бахту саодат ва фаровонҳолӣ орзу менамоям!

Си СЗИНПИН,
Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин

КОРХОНАИ НАВ БА КОР ШУРӮЪ КАРД

Дар маҳаллаи Ободи шаҳри Андиҷон корхонаи нави трикотажӣ ба кор сар кард

Дар вилояти Андиҷон дар натиҷаи эътибори алоҳида ба рушди саноат, барпо кардани корхонаҳои нав, дастгирии корхонаҳои мавҷуда ва фароҳам овардани имкониятҳои зарурӣ барои фаъолияти пурсамар шумораи ҷунин корхонаҳо, бахусус, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат сол аз сол зиёд мегардад.

Корхонаи мазкури майдонаш 1,8 гектар , ки аз тарафи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Oltin mato teks» ташкил ёфтааст, қодир аст 4000 тонна матоъро ранг карда, дар як сол 4 миллион дона маҳсулоти трикотажӣ истеҳсол кунад.

Барои ба роҳ мондани фаъолияти корхонаи арзиши лоиҳавиаш 8,7 миллион доллар аз шуъбаи вилоятии бонки ипотекӣ 5,5 миллион доллар вом гирифта, аз Аврупо технология ва дастгоҳҳои замонавӣ оварда шуд.

– Корхонаи ба рангкунии матоъ ва истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ ихтисосонидашуда дар як сол метавонад ба маблағи то 4 миллион доллар маҳсулот содир кунад, – мегӯяд сардиректори ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Oltin mato teks» Қодирҷон Маматов. – Дар корхона барои тайёр кардани маҳсулоти босифати ҷавобгӯйи талаботи байналхалқӣ ва фаъолияти босамари коргарон ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.

Баъди пурра ба кор даромадани корхона 250 нафар соҳиби кори доимӣ мегардаанд.

– Баъд аз хатми коллеҷ то ҳол бекор гашта будам, – мегӯяд истиқоматкунандаи маҳаллаи Шодлики шаҳри Андиҷон Назирахон Аҳмедова. – Наздик ба ҳудуди маҳаллаамон кушода шудани корхонаи мазкур ба ҷавонони мисли ман имкони кор карданро дод. Аз кор кардан дар ҷунин дастгоҳҳои замонавӣ, васеъ ва равшан ифтихор мекунам.

Дар маросими кушодашавии корхона ҳокими вилояти Андиҷон Ш. Абдураҳмонов баромад кард.

Ф. УБАЙДУЛЛОЕВ,
мухбири ЎзА.
Суратгир:
З. УМУРЗОКОВ
(ЎзА).

МУРОҶИАТ БОБАТИ ТАЪМИН КАРДАНИ РИОЯИ ҚОИДАҲОИ МУҚАРРАРШУДАИ КАРАНТИН БА МУНОСИБАТИ КОРОНАВИРУС

Яке аз шартҳои асосии пешгирии паҳншавии коронавирус риояи қатъӣ ва бечунучарои қоидаҳои карантин ба шумор меравад.

Ба ин муносибат аз шаҳрвандон, мусофирони аз хориҷа омада, созмон ва муассисаҳо, субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар фаъолияти онҳо маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шудаанд, ҳамчунин тамоми сокинон ва мансабдороне, ки ин маҳдудиятҳо барои онҳо амалӣ мешаванд, хоҳиш карда мешавад, ки ба қоида ва талаботи карантини аз ҷониби давлат муқарраргардида, бечунучаро риоя кунанд.

Бо вуҷуди корҳои васеъмиқёси маънидодкунӣ ва чораҳои дар ин вазъияти мураккаб андешидашуда, аз ҷумла дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таҷҳилан фароҳам овардани шароит барои ҳамватанону шахсони аз хориҷа омада, диръӯз аз минтақаи карантини вилояти Самарқанд ду нафар шаҳрванд фирор кардаанд.

Онҳо бо ин кирдори бемасъулиятонаи худ шаҳрвандони дигари ҷумҳурӣ ва наздикони худро дар хавф гузоштаанд ва бо ин қонунҳои Ӯзбекистонро даҳолатнаи вайрон кардаанд. Дар ҳоли ҳозир ин шаҳрвандон боздошта ва ҳабс карда шуданд. Нисбат ба онҳо парвандаи ҷиноӣ кушода шуд.

Бинобар ин тамоми табақаҳои аҳолиро бори дигар огоҳ мекунем ва хотирасон менамоем, ки шумо бо кирдори худ метавонед нафақат ба хеш, балки ба аъзои оилаатон ва халқи мо зарар расонед.

Барои вайрон кардани ҳуҷҷатҳои қонунгузории оид ба санитария ё худ муборизаи бо эпидемия дар қонунгузории Ӯзбекистон чораҳои қатъии ҷавобгарӣ пешбинӣ шудаанд.

Мувофиқи Кодекси ҷиноӣ барои ҷунин қонунвайронкунӣ ҳукми ҳабси то ҳаштсоларо гирифтан мумкин аст.

Барои пешгирӣ кардани паҳншавии васеи вирус шаҳрвандон бояд то қадри имкон ба ҷойҳои ҷамъиятӣ нараванд, ҳаракатро қатъиян кам кунанд ва умуман ба фосилаи нигоҳдорӣ аз анҷуман риоя намоянд.

Шаҳрвандони муҳтарам, танҳо бинобар риоя кардан ба тамоми қоида ва маҳдудиятҳои муқарраршуда, қатъиян иҷро кардани талаботи ташкилотҳои дахлдор муборизаи мо бо вирус, ки ҳоло дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, натиҷаҳои мусбат хоҳад дод. Ҳамаи шуморо ба ин даъват менамоем.

Роҳбарон ва ходимони созмонҳои дахлдору ваколатдор, мақомоти ҳуқуқу тартибот, дар навбати худ, барои таъминоти 24-соатаи риоя гардидани талаботи вобаста ба карантин ҷавобгарии шахсӣ доранд.

Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ оид ба таҳияи Барномаи чораҳо бинобар пешгирӣ аз овардан ва паҳн кардани коронавирус дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.
(ЎзА).

Таҳлил, танқид, таклиф

СОЯ ВА РАВШАНИҲО ДАР ТИБ

Агар гӯем, ки ҳаракатҳои ҷиддӣ дар роҳи ислоҳоти тандурустӣ ва баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ дар мамлакати мо ҳанӯз 20 сол муқаддам оғоз ёфта буданд, хато намекунем. Соли 2000-ум дар кишвар «Соли авлоди солим» эълон гашт, як қатор корҳо бобати ҳаҷмҳата солим ва баркамол тарбия намудани фарзандон ба амал бароварда шуданд, баҳри ташаккул додани оилаи солим дастуру барномаҳо ҷорӣ гардиданд. Соли «Модар ва тифл» давоми мантиқии он қарор гирифт. Дар ҷараёни ба амал бароварданди Дастури давлатӣ 580 ҳазор нафар бонувонамон дар маркази «Скринингӣ модар ва тифл» аз назорати тиббӣ гузаронида шуданд. «Соли саломатӣ» эълон гардидани соли 2005 ба рушди тиббиёти мо такони тоза бахшид. Баҳри ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори вобаста ба тарзи солими ҳаёт корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ дар миқёси васеъ корбаст гаштанд. Солҳои 2008-2017 эътибор ба тиббиёт муттасил идома ёфт. Саломатӣ, ки неъмати бебаҳост, солимии мардуми ин диёр боигарии асосии мамлакат арзёбӣ гашт. Дар натиҷаи ба амал бароварданди чорабиниҳое, ки дар барномаҳои давлатӣ муайян шудаанд, муносибат ба масъалаи авлоди солим, аз патронажҳои тиббӣ гузаронидани писарону духтароне, ки дар остонаи ҳаёти мустақил қарор доранд, куллан тағйир ёфт. Се соли охир бошад куллан ислоҳсозии системаи хидматрасонии тиббӣ яке аз масъалаҳои устувор қарор гирифт. Сарвари мамлакат Шавкат Мирзиёев ҳанӯз рӯзҳои аввали шурӯъ ба президентӣ ба як гурӯҳ ходимони шоистаи соҳаи тиббиёт мулоқот намуд. Масъала ва мушкилот доири соҳа мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Президент арзу ниёз, таклифу пешниҳодоти посбонҳои саломатиро шунид. Изҳор кард барои раҳӣ аз иллатҳое, ки ба пешравии корҳо халал мерасонанд, дар навбати аввал офаридани шароити мусоиди корӣ, таъмин сохтани муассисаҳои муолиҷавӣ бо технологияҳои тиббии асрӣ ё худ мустаҳкамсозии базаи моддӣ-техникии шифохонаҳо хеле зарур. Баланд бардоштани маоши кормандони тиб ва нуфузу эътибори онҳо дар ҷамъият, айни замон, яке аз муҳимтарин вазифаҳо, таъкид намуд Президент.

Ду-се соли охир маош баланд ва шароити корӣ беҳтар гардид. Бинои муассисаҳои муолиҷавӣ қад рост кард. Дар доираи ба амал бароварда шудани барномаҳои давлатии «Маҳаллаи обод», «Маркази обод» ободониҳо дар тиббиёт низ иҷиҳоқ ва намуди замонавӣ гирифтани биноҳои муолиҷавӣ ҳусни ҳудудҳоро афзуданд.

Дар соли 2020 барои таъмини муассисаҳои давлатӣ ва аҳолӣ бо дорувору лавозимоти тиббӣ 1,5 триллион сӯм ҷудо карда шудааст.

Айни замон дар мамлакати мо барпо ва таъмири 281 муассисаи тиббӣ ва нақша дароварда ва барои ин ҷудо гардидани 1,1 триллион сӯм мавриди назар қарор гирифтааст. Чӣ тавр идора шудани марказҳои илмию амалии тиббӣ низ аз эътибор дур нест. Ҷорӣ карда шудани системаи муосири идоракунӣ дар 17 маркази илмию амалӣ, баҳри пешгирии ҳар гуна беморӣҳо, дар навбати аввал, касалиҳои гематологӣ ва сирояткунанда чораю тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Президентамон дар Муроҷиатномааш ба Олӣ Маҷлис, аз ҷумла, изҳор дошт, барои ислоҳоти кулли системаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ зарур аст, ки дар соли 2020 қонун дар бораи суғуртаи ҳатмии тиббӣ қабул карда шавад ва тамоми чораҳои ташкилӣ барои ҷорӣ кардани системаи нав таҳия карда шаванд.

Ба ичрорасии корҳои муҳим – айни муддао. Вале, айни замон, бачашмхӯрии норасоиҳо – ташвишангез. Баробари дорувори хушсифат дар растаи дорухонаҳо ҷой пайдо кардани дорувори пастсифат ва барои истеъмол пешниҳод карда шудани онҳо аз ҷониби шифокорон сир нест. Пешгирии гардиши маҳсулоти қалбакӣ, ки ба ҷойи фоида зарар меоварад, ниҳоят зарур. Дар тартиби «онлайн» гузошта шудани нархҳои воқеии дорувор, ташкил намудани ин гуна система дар ҳар як дорухона – бисёр муҳим.

Ду даҳсола қабл дорухонаҳо башумор буданд. Ҳоло дар ҳар қадам як дорухона. Бисёр шудани миқдори онҳо, албатта, ба манфиати кор. Таҳти назорати қатъӣ гирифта шудани нархномаҳо аз рӯйи як қатор номгӯйи дорувор, саъйҳо дар роҳи таъмини дастрасии нарх ва гирифтани пеши роҳи воридшавии дорувори қалбакӣ самара мебахшанд. Вале дорувор ҳамон аз масъалаҳои дарднок. Дар кӯтичаҳои доруворе, ки аз дорухонаҳои шаҳр мехаред, ба ҳар ҳол, нархи онҳо сабт шудааст. Вале дар дорухонаҳои деҳот на ҳамеша инро мушоҳида мекунед. Албатта, духтурони соҳибтаҷриба, фидоӣ ва бовиҷдон бисёр. Фориғбол, таваккалан ба ташхис ва табобат муносибат мекардагӣ «хилъати сафедпӯш»-ҳо, айни замон, кам не. Ҷуз ин «ҳамкорӣ» миёни баъзе ходимони тиббиёт ва доруфурӯшҳо сир нест. Ин ҳабдоруро аз фалон дорухона пайдо карданатон мумкин – адреси аникро нишон медиҳанд «сафедпӯш»-ҳо.

Хуб мешуд духтур қабл аз варакро бо ретсеп (рӯйхати дорухо) пур кардан аввал хуб фикр кунад, ки тавсияаш ба дарди бемор мехӯрад ё не. Таваккалан корбариҳо нафақат ба зарари моддии корафтода, балки ба «касалии навхари»-и бемор сабаб шудаанаш мумкин.

Вақтҳои охир чун марказҳои муолиҷавии хусусӣ шароити созгор ва замонавиро моликгардии муассисаҳои тиббии давлатӣ воқеаи хурсандибахш. Бигузор, бемор ба ҷои дилхоҳаш мурочиат кунад. Мешавад, ки гоҳо аз деҳ ба шаҳр меҳмонӣ омада, ба поликлиникаҳои оилавӣ рӯйи ниёз оранд. Не нагуфта, кӯмак расонданашон мумкин ходимони ин даргоҳ, вале бетамаъ не...

Порахӯрӣ мавзӯи гуфтугӯи алоҳида. Шунидам, ки фалон духтур аз вилояте ба пойтахт овардааст писарашро, ба фалон ҳазор доллар ӯро бо коллеҷи тиббӣ гапзанон кардааст. Бовар кардан душвор: ба институт не, ба коллеҷ ин қадар ришват...

Баъдтар ошкор гашт омӯзгори коллеҷ бачаро алоҳида тайёр ва ба институти тиббӣ дохил шудан, диплом гирифтани ӯро «гарантия» медодааст ба ивази он чанд ҳазор долларе, ки гирифт.

Чанд ҳазор доллар... То дусе соли охир маоши ночиз мегирифтанд ходимони тиб. Духтуре, ки писарашро хонондан хост, ин миқдор пулро чӣ тавр ғун кард?

Дар муассисаҳои тиббӣ нарасидани шифокорони соҳибтаҷриба, дар шароити деҳот камшумории кадрҳои ихтисосноҳ як масъала бошад, бо пора ба институтҳо дохил ва соҳиби диплом шуда, дар беморхонаҳо фаъолият бурдани кадрҳои бесалоҳият – масъалаи дигар. Сӯзандору гузарондан ба бемор – ба зиммаи ҳамшира ё бародари шафқат. Онҳо ҳузур дошта бошанд, хуб, набошанд-чӣ? Духтур «укол» карда метавонад ё не? Мутаассифона, на ҳама духтурон аз ӯҳдаи ин кори оддӣ мебароянд ё сӯзандору гузаронданро ба худ раво мебинанд.

Байни се соҳае, ки коррупсия бисёртар ба мушоҳида мерасад, соҳаи тиб низ қарор доштааст, ки ин ҳолати бисёр ногувор. Ба наздикӣ оиди масъалаи коррупсия дар соҳтори нигаҳдории тандурустӣ ва пешгирии он дар Палатаи қонунгузории Олӣ Маҷлис ҷамъомад баргузор ва дар он таъкид гашт, тӯли ду соли охир дар соҳа камбудӣ ва норасоиҳои зиёди молиявӣ ба андозаи 36 миллиарду 200 миллион сӯм ошкор гардиданд. Барои роҳ гузоштан ба қонуншиканӣ 581 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шуданд, ки аз онҳо 111-то кӯ ба ниҳоданҳо дар коррупсия арзёбӣ гардиданд.

Коррупсия дар соҳаи тиб... Тамаъгариҳо дар соҳа мақоли «буз дар ғами ҷон, қассоб дар ғами чарбу»-ро ба хотир намеоранд?

Дар фуроварди сухан чӣ қадар вазнин, масъулияттталабии касби шифокорӣ, фаъолият бурда истодани ҳазорҳо духтурону хоҳаронӣ шафқатро дигарбора таъкид карда гузаштанро лозим мешуморем. Хусусан, дар ин рӯзҳо, ки коронавирус касро нороҳат месозад, ташвишу тараддуди пизишкон боз зиёд. Мешавад, ки дар як шабонарӯз 24 соат солимии мо посбонӣ намоянд онҳо. Сиҳат бошанд!

Боз мехостем ҳамкории шифокорон бо табибони халқӣ мустаҳкам бошад. Қарори ду сол қабл қабулкардаи Президент марбут ба дастгирии тибби мардумӣ татбиқи амалии худ ёбад. Дар институтҳои тиббӣ самт ва нозукиҳои табобати мардумӣ низ омӯзонида шаванд. Баробари рекламаи дорувор ва масканҳои шифоии хусусӣ ба рекламаи рустаниҳои шифобахш ва табибони ҳозиқи мардумӣ, ки илми Абуалӣ Синоро зинда медоранд, роҳи васеъ кушода шавад.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки зери раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба масъалаҳои нармсозии таъсири манфии пандемияи коронавирус ба дараҷаи зиндагии аҳолӣ ва шабакаҳои иқтисодиёт баргузор гардид, дар бораи додани таътили андоз ба шабакаҳои иқтисодиёт ва имтиёзоти қарзҳои кредит, ҷудо намудани ссудаи буҷет вазифаҳо муайян гардиданд.

БАРҚАРОРИИ НАРХ ТАЪМИН МЕГАРДАД

Инчунин Президент 19 марти соли ҷорӣ фармонро «Дар бораи чорабиниҳои навбати аввал доир ба нармсозии таъсири манфии пандемияи коронавирус ва ҳолатҳои инқирози ҷаҳонӣ ба шабакаҳои иқтисодиёт» имзо намуд.

Дар ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби Кумитаи давлатии андоз ба муносибати карантин ба муқобили паҳн гардидани эпидемияи коронавирус (COVID-19) барои шахсони ҷисмонӣ ва корхонаҳо чандин имтиёзоти андоз ва сабукиҳо тасдиқ гардид.

Хусусан аз 1 апрел то 1 октябри соли 2020 барои соҳибкорони якка қимати пойгоҳии минималии андози иҷтимоӣ (223 ҳазор сӯм) то 50 фоиз кам карда шуд. Ин ба 239 ҳазор соҳибкори якка имкон медиҳад, ки 155 миллиард сӯм маблағ сарфа гардад.

Ба шӯроҳои депутатҳои халқи ноҳия, шаҳр тавсия гардид, ки барои 3 ҳазору 167 соҳибкори якка, ки фаъолияташон бевосита ва ё бавосита бо соҳаи сайёҳӣ вобастагӣ дорад, миқдори муайянгардидаи қатъии андоз 30 фоиз кам карда шавад. Ҳамин тариқ, дар ҳисоби ин соҳибкорон 2,3 миллиард сӯм боқӣ мемонад.

Барои шахсони ҷисмонӣ муддати супурдани декларатсия дар бораи даромади солона барои соли 2019 то 1 августи соли 2020 ва ҳам муддати пардохти андози мулк ва замини шахсони ҷисмонӣ то 15 октябри соли 2020 дароз карда шуд.

Барои андози мулк ва замини шахсони ҷисмонӣ барои 7,3 миллион шаҳрванд барои соли 2020 2 триллион сӯм андоз ҳисоб карда шуда буд. Қисми ба 1 триллион сӯм баробари ин андоз, ки то 15 апрел бояд пардохта шавад, то 15 октябр дароз карда шуд.

Даромади шахсони ҷисмонӣ, ки аз ташкилотҳои хайрия ба тарзи нафъи моддӣ ба даст меомад, аз 1 апрели соли 2020 аз андоз озод карда шуданд. Ин ба ҳисоби миёна 28,4 миллиард сӯмро ташкил менамояд.

Аз 1 апрел то 1 октябри соли ҷорӣ пардохти корхонаҳое, ки бо савдои кутараи маҳсулоти машрубот машғуланд, аз 5 фоиз то 3 фоиз паст карда шуд. Ҳамзамон барои корхонаҳои хӯроки умумӣ додани ҳуқуқи фурӯши маҳсулоти машрубот ба тариқи чакана, миқдори пардохт аз миқдори муайянгардида то 25 фоиз кам карда шуд. Аз ин имтиёзот беш аз 7 ҳазор воҳиди соҳибкорӣ фоида бурда, дар ихтиёри онҳо 17,1 миллиард сӯм боқӣ мемонад.

Бинобар ин ҳуҷҷат барои обёрии заминҳои хоҷагии қишлоқ аз рӯйи ҳаҷми истифодаи захираҳои об ставкаҳои андоз барои истифодаи онҳо соли 2020 аз ставкаҳои муқарраргардида 50 фоиз паст карда шуд. Аз ин имтиёз 83 ҳазор хоҷагии фермерӣ истифода намуда, ба онҳо ба ҷойи 300 миллиард сӯм пардохте, ки барои андози об муайян гардидааст, пардохтани 150 миллиард сӯм, ё ки дар ихтиёри худ сарфа намудани ҳамин миқдор маблағ имконият фароҳам оварда шуд. Ин барои боло нарафтани нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки дар мамлакатамон рӯёнда мешавад, замина ба вуҷуд меорад.

Мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ба воҳидҳои соҳибкорӣ дар бобати пардохти андоз барои мулк, замин ва истифода аз захираҳои об фоизҳои андозро наситонда, ба муддати шаш моҳ (қисм-қисм пардохтан) дароз намудани мӯҳлати онро тақдим намуд. Аз ин 14 ҳазору 828 субъект метавонад истифода кунад.

Ғайр аз ин баъзе соҳибкорон барои мол, таҷҳизоти гуногун ба ҳамкорони худ дар хориҷи кишвар маблағ фиристодаанд, лекин ба туфайли вазъият вобаста ба коронавирус эҳтимол дорад, ки маҳсулот дар вақташ нарасид. Бинобар фармони Президент дар чунин вазъият санксияҳои молиявӣ бекор карда мешавад. Ин бинобар ҳисобу китоби пешакӣ маъноиро дорад, ки ба 813 субъект ба миқдори 717,2 миллиард сӯм ҷаримаи молиявӣ ҷорӣ карда намешавад.

Мақомоти андози давлатӣ муваққатан ҳисоб намудани пенияро барои воҳидҳои хоҷагидорие, ки рӯзҳои сахтро аз сар мегузаронанд, барои пардохти андози мулк, замин ва истифода аз захираҳои об нигоҳ медорад, инчунин чорабиниҳои ҳаҷмҳоро ситондани қарзи андоз андешида намешавад.

Бинобар фармони Президент аз 27 июни соли 2018 «Дар бораи чорабиниҳои боз ҳам такмил додани низоми ҳимояи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқи воҳидҳои соҳибкорӣ» солҳои 2018-2019 дар воҳидҳои соҳибкорӣ барои ба амал овардани тафтишҳои аснодӣ моратория эълон гашт. Ин моратория барои як сол, яъне то охири соли ҷорӣ дароз карда шуд. Инчунин, ҳоло воҳиди соҳибкорӣ рӯзҳои сахтро аз сар мегузаронда бошад, ба онҳо ҳуқуқи дароз намудани муддати пардохти андоз ва пардохтҳои асосӣ дода шуд. Ҳамзамон ягон чораи ҷаримаситонӣ ҷорӣ карда намешавад.

Бинобар супориши Президент бо ҳар як соҳибкор ба тартиби нав кор мебарем. То ки воҳиди соҳибкорӣ дар вазъияти имрӯза аз тиҷорат намудан натарсида, бояд ҳудро зери ҳимояи Президент эҳсос намояд. Инчунин мақомоти андоз ба андоздиҳандагон барои аз хона ба амал овардани маҷбуриятҳои ҳуд намудҳои хидматрасонии фосилавиро меафзоянд. Иловаи мобилии 45 хидмати интерактиви мавҷуд ба вуҷуд оварда шуд ва аз супурдани ҳисоботи андоз то ба амал овардани пардохт имконият ба вуҷуд оварда шуд.

Дар шароити имрӯзаи вазнин барои сари вақт пардохтани маоши муаллимон, ходимони тиб, муассисаҳои тарбияи томактабӣ, ходимони корҳои дохилӣ ва дигар идораҳои давлат, нафақа ва ҳам ба амал овардани пардохтҳои нафақа воридоти андоз аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ шаҳрвандон, соҳибкоронро бо истифода аз шароити муносибе, ки ба вуҷуд оварда шудааст, аз хона сари вақт ба амал овардани мачбурияти андоз даъват менамоем.

Беҳзод МУСОЕВ,
раиси Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон.
(ӮзА).

ХАБАРҲО

Бо кӯмаки бонк

Шуъбаи вилоятиии Бонки миллии Ӯзбекистон барои фаъолияти якчанд корхона, муассисаи тиббӣ, маскани истироҳатӣ ба соҳибкорон ва амалӣ намудани лоиҳаҳои гуногуни онҳо кӯмаки молиявӣ мерасонад.

Аз ҷумла, корхонаи истеҳсолии Arnasoy cold texstil-и ноҳияи Арнасойи вилояти Ҷиззах, ки маҳсулоти гуногун, либосҳои пахтагин барои калонсолон ва бачагон мебарорад, аз Бонки миллӣ наздики 3 миллиард сӯм вом гирифт.

Ба ин корхона аз Ҷумҳурии Мардумии Чин таҷҳизоти замонавӣ оварда шудааст. Корхона як қисми маҳсулоташро ба хориҷи кишвар содир менамояд. Айни замон дар корхонаи мазкур қариб 600 нафар бонувон кор мекунанд. Корхона ҳаҷми истеҳсолотро вусъат медиҳад.

Муассисаи дигаре, ки бо кӯмаки воми бонки миллӣ фаъолият мекунад, ин клиникаи тиббии хусусӣ мебошад. Дар ин ҷо барои ташхис ва табобати беморихои гуногун шароит ва қулайиҳо фароҳам оварда шудааст.

Маскани истироҳатии «Ором» дар маркази ноҳия ба ҷойи вақтхушии пиру барно табдил ёфт. Баҳри бунёди маҷмӯаи истироҳатӣ 17 миллиард сӯм маблағ харҷ гардид.

– Ба наздикӣ ба ин объектҳо саёҳати журналистон ташкил карда шуд, – мегӯяд роҳбари хидмати ахбори ҳокимияти ноҳияи Арнасой Рустам Нурметов, – онҳо ҷараёни корро бо чашми ҳуд диданд.

Дастгирӣ намудани кадрҳои ҷавон

Дар прокуратураи вилоят бо ходимони ҷавон вохӯрии маъмурияти прокуратура баргузор шуд. Роҳбарон дар вохӯрӣ таъкид намуданд, ки оянда дар дасти ҷавонон аст. Боварии ҷавӣ дорем, ки шумо бахри амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон беш аз пеш қобилият ва кордонии ҳудро ба кор меандозед.

Дар сохтори прокуратураи вилоят имрӯзҳо қариб 50 нафар ҷавонон меҳнат мекунанд. Онҳо саъй доранд, ки боварии роҳбариятро сазовор шаванд. Роҳбарият мунтазам бо волидони онҳо дар тамос буда, аз дараҷаи зиндагӣ ва шароити оилавиаш хабардор мебошад.

Баъди вохӯрӣ ходимон ба хиёбони арбоби барҷастаи давлатӣ Шароф Рашидов рафтанд ва ба пояи ҳайкали ӯ гул монданд. Музейро тамошо карда, доир ба замони зиндагӣ ва тарзи корбарии Шароф Рашидов ошно гардиданд.

Маъракаи ниҳолшинонии прокуророни ҷавон дар ноҳияи Фориш таҳти шиори «Барои оянда даҳ ниҳол» низ ҳуди ҳамон рӯз доир гардид.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Шарқ плюс»-и ноҳияи Олоти вилояти Бухоро охири соли 2019 гармхонаи замонавӣ созмон дода шуда буд.

Дар якуним гектари гармхона кӯчати помидори навъи «Пинк Парадайз» хуб нашъунумӯъ меёбад. Ҳоло ҳосили аввали он пасу пеш ба бозори маҳаллӣ бароварда мешавад.

Дар акс: *дар гармхонаи мазкур.*

Аксбардор: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА).

НАҚШИ ҶАЛБИ САРМОЯҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ПЕШРАФТИ ВИЛОЯТИ ҚАШҚАДАРЁ

Иқтидори иқтисодии вилояти Қашқадарё бузург аст. Вилояти Қашқадарё 20 январи соли 1943 таъсис ёфтааст. Дар қаламрави ин вилоят ду шаҳри қадимӣ ва бузург маскан гузидаву дар 13 ноҳия мардум ба кору зиндагӣ машғуланд. 70 дарсади гази табиӣ, 78 дарсади нафт, 80 дарсади конденсати газ, 13 дарсади ҳаҷми умумии ғалла, 14 дарсади пахтаи кишварро ин вилоят истеҳсол мекунад. Ҷонишини ҳокими вилояти Қашқадарё оид ба масъалаҳои сармоя ва савдои беруна Ойбек Шогазатов маро дар утоқи кориаш истиқбол гирифт. Суҳбати мо аз он шурӯъ шуд, ки соли гузашта ин вилоят дар бобати ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба дастовардҳои зиёд ноил гардидааст.

Вай афзуд, ки соли сипаришуда, ки "Соли сармояҳои фаъол ва рушди иҷтимоӣ" номида мешуд, нақшаву барномаҳои зиёдеро ҷиҳати бунёди корхонаҳои муштарак, фароҳам овардани ҷойҳои нави кор ва баланд бардоштани салоҳияти иқтисодии он таҳти татбиқ қарор доданд. Таъкид ёфт, ки маҳз аз ҳамин ҳисоб дар се соли охир шаҳну шуҳрати вилоят дар ҷумҳурӣ ва берун аз он хеле боло рафт.

– Вилояти мо сол аз сол ободу зебо мешавад ва шаҳру рустоҳои он намои тоза ва замонавӣ касб менамоянд. Дарвоқеъ, тавре ки Президент қайд намудааст, вилояти мо дорои имкониятҳои фаровони иқтисодӣ ва захираҳои бойи табиӣ ва маданӣ мебошад. Гузашта аз ин, нерӯи корӣ дар вилояти Қашқадарё низ хеле фаровон аст, – мегӯяд Ойбек Шогазатов.

Вай тазаккур дод, ки яке аз вазифаҳои муҳиме, ки сарвари давлат ба дӯши онҳо гузоштааст, ҷалби ҳарчи бештари сармояҳои хориҷӣ мебошад, зеро дар шароити кунунӣ бидуни ин сармояҳо пешрафти иқтисодиётро наметавон тасаввур кард. Ба гуфтаи ӯ дар вилоят барои анҷомии чунин вазифаҳо ва ичрои корҳои марбут ба он шароити созгор мусоидат менамояд.

– Мо қабл аз ҳама ҷалби ҳарчи бештари сармояҳои хориҷиро мадди назар дорем. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо истифода аз ширкатҳои хориҷӣ ва сармояҳои инвесторҳо ҷойҳои нави кор фароҳам меоварем ва салоҳияти иқтисодии онро мустаҳкам менамоем, – иброз дошт ҷонишини ҳокими вилоят.

Маълум шуд, ки моҳи феврали соли равон Ойбек Шогазатов ба Туркия сафари корӣ анҷом додааст. Вай муддати ду рӯз он ҷо тавонистааст, ки бо роҳбарони чандин ширкатҳои боқудрат вориди гуфтушунид шавад, барои аз ин кишвар ҷалб намудани сармоя якчанд тавофуқнома ба имзо расонад.

– Зимни ин сафар аз корхонаҳои истеҳсоли кранҳои овезон, дастгоҳҳои тавлидкунандаи лӯлаҳо барои обёрии қатрай, истеҳсоли конструксияҳои фулузӣ ва амсоли он боздид намудем ва дар робита ба роҳандозии ҳамкориҳо бо роҳбарони ин корхонаҳо ба тавофуқ расидем. Мувофиқи гуфтушунидҳои мо мутахассисони ин корхонаҳои туркӣ баъди ба эътидол омадани вазъи марбут бо коронавирус ба кушода шудани роҳҳои кишварамон ба вилояти Қашқадарё ташриф меоранд ва ичрои иҷиҳаҳои мадди назари ҳуд ба натиҷаҳои ниҳоӣ ҳоҳем расид, – гуфт О. Шогазатов.

Аз Ойбек Баҳодирович ҳоҳиш кардам рочеъ ба он ҳарф занад, ки бархӯрд бо сармоягузорони хориҷӣ дар вилояти Қашқадарё чӣ гуна сурат мегирад.

– Шумо медонед, ки ҳар як сармоягузор мехоҳад сармояҳои воридкардааш зуд даромаду манфиат ованранд. Мо соли гузашта як форуми байналмилалии инвеститсионӣ ва дар шаш минтақаи Қашқадарё форумҳои вилоятӣ баргузор кардем. Форум майдонест барои ҳамкориҳо. Ба воситаи он шарикони нав пайдо карда, ба бунёди корхонаҳои нав замина муҳайёё сохтан мумкин. Дар форум имкониятҳои сармоягузории Қашқадарё муаррифӣ гардиданд. Сармоягузорон аз объектҳои саноатии вилояти мо боздид карданд ва боҳам мубодилаи афкор намудем, – гуфт ҳамсуҳбати мо.

Ойбек Шогазатов иброз намуд, ки бо амри Президенти мамлакат ноҳияи Чироқчӣ минтақаи озоди иқтисодӣ эълон шудааст. Муддати он сӣ солро ташкил мекунад. Самтҳои асосии кор дар ин минтақа дорусозӣ, кимиё, бофандагӣ ва коркарди маҳсулот, мошинсозӣ, истеҳсоли чарм ва амсоли онро фаро ҳоҳад ҳонд.

– Дар вилояти мо бо кӯмаки сармояҳои хориҷӣ корхонаҳои муштараки зиёд ва хусусӣ шурӯъ ба фаъолият кардаанд. Рочеъ ба корхонаҳои пешсафи саноатӣ ҳарф заданӣ бошем, номҳои ширкати саҳҳомии "Ӯзгеобурнефтегаз", ҷамъиятҳои саҳҳомии масъулияташон маҳдуди "Муборакнефтегаз", "Шуртаннефтегаз", корхонаҳои коркарди гази Муборак, нуриҳои маъдании Деҳқонобод, нерӯгоҳи гармии барқи давлатии Талимарҷонро ба забон меорем, – мегӯяд мусоҳиби мо.

Танҳо дар соли сипаришуда Қашқадарё бо сармояи хориҷӣ 168 корхона бунёд кард. Интизор меравад, ки соли равон ба ивази 150 миллион доллари амрикӣ корхонаҳои нав бунёд ҳоҳанд шуд. Ойбек Шогазатов мегӯяд, ки вилояти Қашқадарё тавассути сармоягузорони Афғонистон, Озарбойҷон, Белорус, Британияи Кабир, Қазоқистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Куриёи Ҷанубӣ ҳамкориҳои ҳудро ба роҳ мондаанд. Ғайр аз ин, бо ҷалби сармоягузорони ҳинд низ дар вилоят барпо намудани корхонаҳои муштарак барномареза шудааст.

– Самтҳои асосии фаъолияти сармоягузорони хориҷиро сохтмони иншоотҳои шабакаҳои обёрӣ, меҳмонхонаҳо, кемпингҳо, истеҳсоли калоба, матоъи абрешим, тавлиди маҳсулоти бофандагӣ, семент, битум, нуриҳои минералӣ, гармхонаҳо, панелҳои мансаравӣ, осиёб, дару тиреза, хишт, пойафзори чармӣ, йод, бром, контейнерҳои асептикӣ, таҷҳизоти варзишӣ ва таҷҳизот барои системи обёрии қатрай ташкил медиҳанд. Ҳамчунин бахшҳои дигари фаъолияти онҳо аз ташкили чорвопарварӣ, моҳипарварӣ, сунбули мушкин, тармими таҷҳизоти нафту газ ва амсоли он иборат аст. Барои расмӣ намудани ҳуҷҷатҳо ва санаду мадракҳои дигари зарурӣ ба сармоягузорони хориҷӣ Агентии хизматҳои давлатӣ кӯмак мерасонад. Ҳокимияти вилоят дар бобати фурӯхтани маҳсулоти корхонаҳои муштарак ва пайдо намудани харидорон масъулият бар дӯш надорад, – зикр намуд Ойбек Шогазатов.

Таъкид бояд кард, ки маҳсулоти тавлиднамудаи ҷамъи корхонаҳо ба Афғонистон, Қазоқистон, Эрон, Индонезия, Чин, Русия ва Туркманистон содир карда мешаванд. Оҳиста давраи харидорони ин маҳсулот боз фарохтар ҳоҳад шуд.

Яке аз корхонаҳое, ки ба истеҳсоли таҷҳизоти системи обёрии қатрай машғул аст, корхонаи "Ғузор Пуё Полимер" мебошад, ки бо ҷалби сармояҳои мустақими сармоягузорони эронӣ бунёд мегардад. Зимни боздид аз ин корхонаи бунёдшаванда бармеояд, ки ҳокимияти вилояти Қашқадарё барои сохтмони он саройи мошину трактори собикро дар ихтиёри сармоягузори эронӣ гузоштааст. Гуфта мешавад, ки ин сарой солҳои дароз бекор мехобид. Ҳоло он лӯлаҳои полимерӣ истеҳсол мекунад, ки кишоварзон барои обёрии қатрай истифода ҳоҳанд кард.

Масоҳати ин сарой хеле калон аст. Дар айни ҳол ду бино қомат афрохтаааст ва бо таҷҳизот мучаҳҳаз мегардад.

– Мо як қисми таҷҳизоту дастгоҳҳои ҳудро ба ин корхона интиқол додем. Ба наздикӣ мо трансформатори алоҳида харидем, ки минбаъд дар таъмини нерӯи барқ мушкиле пеш нахоҳад омад. Аммо барои фаъол намудани басти аввали корхона ба оби тоза ниёз дорем, ки дар масофаи дуртар воқеъ гаштааст, – мегӯяд сармоягузори эронӣ Мучтабоҳ Асғарӣ.

Тавре ки вай илова намуд, дар айни ҳол корхона 20 нафар ҷавонмардони маҳаллии ноҳияи Ғузорро ба кор таъмин намуд. Онҳо бо маош ва хӯроки нисфирӯзии ройгон таъмин мебошанд. Интизор меравад, ки баъди фаъол шудани корхона теъдоди коргарони он ба чанд карат ҳоҳад афзуд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори "Овози тоҷик".
Қаршӣ – Ғузор – Тошканд.

БЕҲБУДИИ ТИББӢ ДАР ДИЁРИ ИБНИ СИНО

Тани сиҳҳату хотири ҷамъ беҳтарин дуои мардуми мост. Пойдории саломатию хотирҷамъӣ имконият медиҳад, ки нияту нақшаҳои инсон ҷомаи амал пӯшанд. Аз ин рӯ ғамхории давлат нисбати ҳифзи тандурустии аҳолии мамлакат беш аз пеш афзудааст.
Суҳбати мо бо сардори садорати ҳифзи тандурустии ҳокимияти вилояти Бухоро Илҳом Нарзиев дар атрофи ҳамин масъала буд.

– Илҳом Исломович, дар низоми соҳа – ҳифзи саломатии аҳолӣ ва сифати хидматрасонии тиббӣ чӣ гуна дигаргуниҳо рух медиҳанд?

– Ин дигаргунӣ – ислоҳоти соҳа, хусусан, дар се соли охир беназир аст. Муҳимтараш бобати ба мардум расонидани хидмати босифати тиббӣ марҳалаи нав оғоз ёфт ва дар ин бора қадамҳои устувор гузошта шуданд. Бо мақсади такмил додани соҳа ва ноил шудан ба ризояти мардум бештар аз 180 фармон, қарор, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳукумат қабул гардиданд. Бо мақсади рушди соҳа аз ҳисоби буҷа беш аз 12,1 триллион сӯм маблағ ҷудо гардид. Дар натиҷа эътимоди одамон ба соҳаи тиб афзуд. Вилоят зиёда аз 1,9 миллион аҳолӣ дорад, дар соҳаи тиб низ дигаргуниҳои назаррас ба чашм мерасанд. Ҳоло дар ин ҷо беш аз 250 муассисаи муолиҷавию профилактикӣ ва ёриҳанда ба аҳолӣ хидмати ихтисосии тиббӣ мерасонанд. Бо мақсади дастрас шудани нахустин хизмати тиббӣ ба аҳолӣ 70 поликлиникаи оилавӣ, ҳамин қадар шуъбаҳои «ёрии таъҷилӣ», инчунин зиёда аз 200 дорухонаи иҷтимоӣ ташкил карда шуданд. Айни замон 93 бунгоҳи тиббии деҳот фаъолият доранд.

Солҳои охир дар натиҷаи соҳиби реанимобилҳои «Дамас», «Тойота» ва «Ҳундай» гардидани низоми ёрии таъҷилии вилоят шумораи умумии автомобилҳои он ба 154 адад расид. Миқдори умумии истгоҳ ва шуъбаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ аз 110-то зиёд шуд. Ҳамин тариқ ҷараёни сариваҚт расидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба даъватҳо беҳтар гардид. Дар низом масъалаи норасоии духтурон вуҷуд надорад.

– Дар соҳаи ҳифзи тандурустии вилоят мавқеи сектори хусусӣ чӣ гуна аст?

– Имрӯз ба соҳа эътибор беш аз пеш афзудааст. Чор сол муқаддам дар вилоят миқдори муассисаҳои тиббии хусусӣ ба сесадто намерасид. Соли гузашта миқдори онҳо ба 430-то расид. Имсол боз 40 муассисаи нав ба кор медарояд.

– Ҳамкориҳои тиббии вилоят бо мамлакатҳои хоричӣ то чӣ андоза беҳтар мегардад?

– Албатта. Дар асоси ин ҳамкориҳо ҷалби сармояҳои хоричӣ дар низоми тандурустии вилоят боиси беҳбудиҳо мешавад. Хусусан, ба фаъолият оғоз намудани беморхонаи муштараки ўзбекистонию кореягии «Бухоро – Хичман» воқеаи муҳим гардид. Ин муассиса, ки 140 нафар ходимро бо кор таъмин кардааст, дорои 90 ҷойи муолиҷа мебошад. Дар беморхона шикастабандию ортопедия, нейроҷарроҳӣ, реаблитатсия, беморҳои асаб, дарунию эндокринологӣ табобат мешаванд. Дар натиҷаи ҳамкориҳо бо як қатор ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тибтехника» ба кор даромад. Татбиқ ёфтани ин лоиҳа имкон дод, ки шаш намуди таҷҳизоти тиббӣ дар худи ҳамин ҷо истеҳсол шаванд.

Алоқаҳоямон бобати таҷрибаивазкунии кадрҳо низ сол то сол вусъат меёбад. Такмили ихтисоси духтурон дар мамлакатҳои хоричӣ соли гузашта нисбат ба соли 2018 ду баробар афзуд. Аз ҷумла соли 2019 ба вилоятамон аз кишварҳои хоричӣ 200 нафар мутахассисҳои баландмалака омада, дар беш аз 350 машғулияту машварат ва амалиёти ҷарроҳӣ иштирок карданд.

– Дар вилоят вобаста ба соҳа ташкил ёфтани ҳудудҳои намунавӣ чӣ аҳамият дорад?

– Бо мақсади созмон додани ҳудудҳои намунавии тиббии вилоятӣ ноҳияи Вобканд ва шаҳри Когон интихоб шуда буданд. Бо ин мақсад муассисаҳои тиббии ин ҳудудҳо аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ бо таҷҳизоти зарурӣ ва маблағи кофӣ таъмин гардиданд. Ин аллакай самараи худро медиҳад. Ба туфайли он робитаҳои байниҳамдигарии ёрии аввалини тиббию санитарӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ ва ёрии ихтисосонидашудаи тиббӣ беҳтар гардида, раванди яклухтии тиббӣ такмил меёбад. Дар низоми ёрии нахустини тиббию санитарӣ мубодилаи ахбори электронӣ бартарӣ пайдо мекунад. Бо мақсади табъи дил ба роҳ мондани фаъолияти ин ҳудудҳо ҷараёни корҳои ташкилӣ идома доранд.

– Соли ҷорӣ чӣ гуна кору вазифаҳо иҷро мешаванд?

– Васеъ ҷорӣ намудани низоми «Ҳифзи тандурустии электронӣ», такмил додани раванди молиявии соҳа, ислоҳ намудани қолабҳои муздҳиҳӣ ба кормандони тиб мувофиқи самараи ниҳоии меҳнаташон, чорабиниҳо бобати коҳиш додани фавти модару кӯдак, қавитар гардондани алоқаи байниҳамдигарии низомҳои ёрии аввалин, таъҷилӣ ва ихтисосонидашудаи тиббӣ, пешгирӣ кардани маризиҳои сироятнакунанда, татбиқ намудани тарзи зиндагии солим ва ғайра аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими имсолаи мо ба шумор мераванд.

Суҳбаторо
А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Муовини директори Маркази фарҳанги исломии Мадрид Ҳуссам Сиддиқ Хӯҷа барои баррасии масъалаҳои иртибот бо идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, инчунин ташкили чорабиниҳо бо Марказ ба муносибати аз ҷониби Созмони исломӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг ҳамчун пойтахти фарҳангии ҷаҳони ислом дар соли 2020 эътироф шудани Бухоро ба Ўзбекистон ташриф овард.

ҲАМКОРӢ БО МАРКАЗИ ФАРҲАНГИ ИСЛОМИИ МАДРИД

Маркази фарҳангии исломии Мадрид, ки соли 1992 таъсис ёфтааст, дар Аврупо бузургтарин мебошад. Марказ масҷиде дорад, ки дар заминаи меъмории масҷиди Кордоба – яке аз қадимтарин ва маъруфтарин масҷидҳои Испания сохта шудааст. Марказ дорои китобхона, кӯдакистон, як мактаби забони арабӣ ва фарҳанги исломӣ, курсҳои испанӣ барои хоричиён, толори конфронс барои 500 нафар, осорхонаи санъат, сексияҳои варзишӣ ва ғайра мебошад.

Дар ҷараёни боздид Ҳуссам Сиддиқ Хӯҷа бо муовини раиси Раёсати мусулмонони Ўзбекистон Иброҳим Иномов ва директори Маркази байналмилалии илмиву таҳҚиқотии ба номи Имом Бухорӣ Шовосил Зиёдов мулоқот кард.

Дар ҷараёни мулоқот бо меҳмон дар бораи ислоҳоти соҳаи дин дар Ўзбекистон ва чораҳое, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид барои озодии дин, омӯзиши дини мубини ислом, аз ҷумла марказҳои таъсисёфтаи илмӣ ва таълимӣ андешида шудаанд, маълумот дода шуд.

Меҳмон ба саъю кӯшиши Ўзбекистон дар самти омӯзиши мероси фарҳангиву тамаддунӣ ва аҳамияти мазҳабӣ ва фалсафии ислом, инчунин гузоштани қадамҳои муҳим оид ба пеш бурдан ва паҳнсозии ғояҳои инсонпарварии дин, ки дар натиҷаи он Маркази тамаддуни исломӣ, марказҳои байналмилалии ба номи Имоми Бухорӣ ва Имом Тирмизӣ таъсис ёфтаанд, баҳои баланд дод.

Ба роҳандозии равобит ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо раёсатҳои марбутаи Ўзбекистон, ҳам дар самти паҳн кардани ғояҳои инсонпарваронаи исломи анъанавӣ ва ҳам дар татбиқи корҳои илмӣ дар соҳаи омӯзиши он изҳори хурсандӣ карда шуд.

Бинобар натиҷаи вохўриҳо Муоҳидаи ҳамкорӣ байни Маркази байналмилалии илмиву таҳҚиқотии Имом Бухорӣ ва Маркази фарҳанги исломии Мадрид ба имзо расид ва бо Раёсати мусулмонони Ўзбекистон дар бораи табодули мутахассисон дар омӯзиши ислом ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак созишнома ба имзо расид.

АИ «Дунё»,
МАДРИД.

Гўшаи методӣ

ЭЪТИБОРИ НАТИҲАОВАРИ РОҲБАРИ СИНФ

Дар ҷараёни дарс омӯхтани мавод мақсади асосии муаллиму хонанда аст. То ҳол аз ҷониби мушовирони ҳар як фан даҳҳо методҳо рӯйи кор омадаанд, ки мавриди истифодаанд.

Барои сайқал додани сифати таълиму тарбияи хонандагон дарси маънавият мавқеи ҳудро дорост. Дар ин роҳ барои ба натиҷаи баланд ноил гаштан аз сарҳисоби рейтингии синф бояд истифода кард. Яъне дар давоми ҳафта аз журнали синф ва рўзномаи баҳогирии хонанда азхудкунии дарсро аниқ кардан лозим. Миқдори баҳои панҷ, чор, се ва аз он пасту хулқро таҳлил мекунем. Сониян ҷамъи натиҷаи хонандагонро ҳисоб карда, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро то дарси маънавият омода менамоем.

Хонандагонеро, ки дар азхудкунии мавзўъҳо пешқадаманд, бо ифтихорнома ва ё сухани мутантан сарфароз намудан ба ҳуди хонанда ва волидони ў болидахотирӣ меорад ва омўзгорро рўҳбаланд месозад. Баъдан дар рўзи охирини чоряки хониш аз тарафи маъмурияти мактаб бо китоб ва ё ташаккурнома таҚдиронидан хонандаро ба азхудкунии илму дониш рағбатнок мекунад.

Чунин ҳаракат ғайр аз омўзиши дарси маънавият ба омўзиши дарс ва корҳои беруназсинфии мактаб замина ҳозир менамояд. Ин омилест, ки ба натиҷабахшии сифати таълиму тарбияи насли наврас хидмат менамояд. Чунки ҳар як хонандаи мактаби таҳсилоти умумӣ ба эътибору эътирофи атрофиён ва омўзгораш ниёз дорад.

Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,
омўзгори мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона.

Моҳи марти соли равон ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Махат-Chirchiq» таҳти шиори «Ба ҳифзи муҳити атроф ҳамаамон масъулем» дар кабудизоркунии гирду пеши корхона ва ҳудуди он саҳми сазовор гузошт.

Ҳоло дар ҳудуди корхона 13294 бех ниҳол нашъунамо меёбад, ки аз ин миқдор 1274 бех дарахтони мевадор, 12020 дарахтони манзаравӣ ва 12000 гулҳои мавсимианд. Дар корхона мисли карбамид, селитраи аммиак, сулфати аммоний, реагентҳои карбамит беш аз чил намуди поруи минералӣ ва маҳсулоти кимиёвӣ тайёр карда мешавад.

Дар акс: *рафти ниҳолшинонӣ.*

Аксбардор:
Даврон АҲМАД.

Ба муносибати 145-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ

СУҲБАТ БО МУАЛЛИФИ «ҶАДИД»

Нусрат Раҳмат 3-юми июли соли 1941 дар деҳаи Кўшмасҷид таваллуд ёфта, пас аз хатми мактаб шомили Донишкадаи давлатии кишоварзии Самарқанд мегардад.

Пас аз хатми боргоҳи таълимӣ муҳаббат ба журналистика ўро ба идораи рўзномаи «Ленин йўли» (ҳоло «Зарафшон») овард. Сипас дар рўзномаҳои «Қишлоқ ҳақиқати», «Ўзбекистон адабиёти ва санъати», нашриёти «Меҳнат» дар вазифаҳои гуногун кор кард.

Нахустин китобчаи ў «Агар табиатро дўст дорӣ» соли 1975 нашр шуд. Сипас, қариб бист номгўй асар навишт ва дар байни мухлисон маҳбубият пайдо кард. Воқеан, «Насиҳат ба фарзанд» ном китоби вай ҳашт маротиба рўйи чопро дидааст. Чанде пеш «Ҷадид» ном романи нависанда чоп шуд, ки ба маърифатпарвар Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бахшида шудааст. Аҷибаш дар он, ки китоб дар жанри ғайриқолибӣ ва услуби нав эҷод шуда, муаллиф онро «Ҳикояҳо аз рўзгори Беҳбудӣ» номидааст. «Қаҳрамони ман Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ҳамагӣ 44 сол умр дид», – навиштааст дар пешгуфтори китоб муаллиф. – Аммо ў тавонист дар ин муддати кўтоҳ бо озодандешӣ ва даъват ба илму маърифат ҳамчун шахси таърихӣ ба худ ҳайкал гузорад.

Ин маърифатпарвар соли 1919 ҳангоми азми сафар ба Маккаву Мадина дар шаҳри Қаршӣ ваҳшиёна кушта шуд. Ғайр аз ин, солҳои тўлонӣ ба ў тамғаи «душмани халқ»-ро зада буданд.

Дар омади гап таъкид кардан бамаврид аст, ки Нусрат Раҳмат барои абадӣ гардондани номи ин маърифатпарвари бебоку дурандеш хидмати шоён кардааст. Бо талош ва давутози зиёди ў Маркази минтақавии бозомўзӣ ва такмили ихтисоси кормандони таълими халқи вилоят номи Беҳбудиро гирифт ва мучассамаи ў, ки мебоист дар майдони Регистон ҷой бигирад, дар ҳавлии донишкада, бо хайрхоҳии собиқ директори он Азиз Аминов (равонаш шод бод!), гузошта шуд.

– Аз сарвари давлатамон сипосгузорам, ки дар Муроҷиатномаи ҳуд таъкид кард, ки 145-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ тантанавор ҷашн гирифта шавад, – суҳбатро идома дод муаллифи роман. – Умед аст, ки барои абадӣ гардондани номи ин марди шариф корҳои ибратбахш ба фарҷом мерасанд.

– Устод, ба чӣ хотир асар номи «Ҷадид»-ро гирифт? – пурсидем аз ў.

– Маънои калимаи «ҷадид» «нав» аст. Вале ин иборараро миссионерон ва мутаассибон ба мақсади таҳқир истифода бурдаанд. Ба назарам, бо гузашти айём, ин калима ба маънои аслии ҳуд баргашт.

– Ҳангоми мутолиаи китоб шоҳиди истифодаи калимаву ибораҳои тоҷикӣ гардидем.

– Дуруст гуфтед. Қаҳрамони ман Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар гузари тоҷикнишини Бахштеппа чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Агар шумо асарҳои ўро варақ занед, ҷумлаҳояш бо туркии қадимӣ ва форсӣ омехтаанд. Камина низ ҳарчанд бо забони тоҷикӣ озод ҳарф мезанам, аммо аз навиштани чизе бо ин забон меҳаросам. Ба забон беэътиноӣ кардан гуноҳи азим. Асари «Пирўзнома»-и аллома Ибн Синоро аз тоҷикӣ ба ўзбекӣ тарҷума кардаам. Аз асарҳои устод Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон баҳра мебардорам.

– Чӣ сабаб шуд, ки шумо аз маърифатпарварони самарқандӣ маҳз Маҳмудхоҷа Беҳбудиро интихоб намудед?

– Солҳои донишҷўӣ яке аз китобҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба дастам афтода буд. Онро бо шавқ мутолиа намудам. Дертар бо ҳаёт ва фаъолияти серпаҳлў ва фоҷиаангези ў шинос шуда, ҳурматам ба вай афзуд. Шояд аз ҳамин сабаб ба омўхтани зиндагиномаи ин марди шариф, яке аз аввалин журналистони маҳаллӣ, драманавис, забондон, мутарҷим, муаллим, муҳаррир, яъне ҷадиди пешқадам пардохтам. Ҳатто ба ин хотир ба Туркия, Боку, Русия ва дигар кишварҳои ҷаҳон, ки ин марди бедорфикр рафтааст, сафар кардам.

Кўрдилони аз маърифат дур ўро «кофир», «бехудо» гуфта асир гирифтанд ва бо фармони амир Олимхон ҳамроҳи ду нафар дўсташ – Ҳамроҳқул ва Мардонқул Ҷомӣ куштаанд.

Эҳтимол шумо хабар доред, ки дигар маърифатпарварони самарқандӣ, аз ҷумла Шакурӣ дар маҳбаси Тошканд ҷон ба Офаридгор супурд. Ҳоло то имрўз ҳеҷ кас намедонад, ки қабри вай дар кучост. Ҳоҷӣ Муин дар бешазори Русия нобуд шуд. Саидризо Ализода дар маҳбаси шаҳри Николаев соли 1945 аз беморӣ вафот кард.

– Дар эҷодхонаи шумо қариб 200 намуди қошуқ ва гурўҳҳо, бо назардошти қитъаҳои дунё, таҚсим карда гузошта шудаанд.

– Бинед, ҳар як кишвар ва халқи ҷаҳон чумчаҳои ачибу нотакрори худро доранд. Афсўс, мо, ба ҷойи қошуқҳои чўбин қошуқҳои алюмин ё пластмассагинро истифода мебарем. Гузаштагони мо аз дарахти тут ё чормағз қошуқ тарошидаанд, ки суди зиёд дошт.

Боре, вақте дар шаҳри Тифлис будам, чумчаеро харидам, – гуфт ў ва чумчаеро нишон дод, ки як тарафаш чумча, тарафи дигараш чангак буд. Шояд ҳозир чунин нусха дар Гурҷистон набошад. Чумчаи ҳазорсоларо аз Исроил овардаам. Соҳибхона бо ифтихор боз як қошуқро ба даст гирифта, гуфт, ки туҳфа аз адиби машҳур Чингиз Айтматов аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ОИЛА ОСУДА — МАҲАЛЛА ОСУДА

– Риояи қонунҳо аз ҷониби хурду бузург, коргари оддиву шахси мансабдор ва умуман барои ҳама ҳатмист, – мегўяд нозири профилактикаи гурўҳи пешгирии ҳуқуқвайронкунии ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Қалъача ва Ғазноби ноҳияи Сўх Ҷаҳонгир Махсимов. – Нописандӣ нисбат ба қонун, лоқайдию бепарвоии одамон ба ин масъала боиси дар ҷомеа реша давондани иллатҳои манфӣ мегарданд.

БарҳаҚ, дар ҳудуде, ки капитан Ҷ. Махсимов нозир аст, тўли чанд соли охир осоиштагӣ ҳукмрон аст. Ҳамаи 5062 нафар бошандагон дар рўйхати ў меистанд, вай зудзуд бо аҳли оилаҳо ҳамсуҳбат мешавад. Ва оиди пешгирии ҳуқуқвайронкуниву сарзании ҷиноят корҳои тарғиботӣ мебарад. Натиҷаи фаъолияти пурсамари ўст, ки 3 соли охир дар деҳоти Қалъача ва Ғазноб ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят рўй надодаанд. ҶШМ Ғазноб ҳамчун ноҳиятҳо мешавад. Ва ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Р. ТОШМАТОВ.
Вилояти ФАРҒОНА.

Арзишҳо

АМАЛАМОН АЗ ТАҲТИ ДИЛ БОШАД

Дар бораи тарбия чӣ қадаре ки ҳарф занем, кам аст. Чунки одамизод аз рўзи аввал то охири умраш ҳаётро меомўзад, аз он сабақ мегирад. Бинобар ин, тарбияи инсон, аз ҷумла, насли наврас, кори ҳаррўза мебошад. Насли наврасро аз сари дасторхон сар карда то ба хоб рафтан, мо калонсолон бо насиҳату панд, бо рафтори худ тарбия кунем, онҳо аз мо ибрат мегиранд. Қоидаҳои дар сари дасторхон нишастан, ба ҷойгоҳ даромада хоб рафтанро ҳам ба онҳо ёд доданамон лозим аст. Ҳол он ки аксарият калонсолон ба ин чиз беэътиборанд.

Пўшида нест, падару модарони онҳое, ки дар солҳои ҳаштодуми асри гузашта таваллуд шудаанд, аз пайи зиндагӣ шуда, ба онҳо кам эътибор додаанд. Имрўз бошад, фарзандони онҳо наврасони 12-16-сола буда, баъзан муҳтоҷи панду насиҳатанд.

Аз тарафи дигар имрўз агар як қисми падари ин наврасони 12-16-сола дар хорич дар пайи кор бошанд, оё ба онҳо модар пурра тарбия дода метавонад? Албатта, не. Ҳатто баъзе падару модарон фарзандҳои наврасашонро ба зиммаи дигарон вогузошта, худ аз пайи ёфтани даромад ба хорича мераванд. Дар натиҷа ин гуна наврасон тарбияи пурра ва кифоя гирифта наметавонанд. Ин муаммои оилаи алоҳида нест, ин муаммои тамоми ҷамъияти имрўза аст.

Нуқсони дигар он аст, ки дар солҳои 80-90-уми асри гузашта мо аз анъанаҳои оилаи миллӣ, расму оинҳои оиладории бобоён, тарбияи миллӣ, қоидаю тартиботи шариат дур шуда будем, дар натиҷа дар оиладорӣ, тарбияи фарзанд ба камбудиҳо роҳ дода истодаем. Вайроншавии оилаҳои ҷавон, ҷанҷоли байни кудоҳо ҳам аз нуқсонҳои дар боло зикршуда бармеояд. Имрўз бисёр оилаҳои ҷавон бо баҳонаҳои ночиз вайрон мешаванд. Онҳо то чӣ андоза муқаддас будани оиларо намедонанд. Барои пешгирии ин камбудӣ, пеш аз ҳама, дар назди идораҳои худидоракунии шаҳрвандон – «Маҳалла» «Университетҳои оиладорӣ»-ро ташкил карда, ба онҳо ҷавононро ҷалб кардан лозим.

Муоинаи тиббии ҷавонони хонадоршаванда ҳам имрўз сатҳӣ, бо роҳҳои ғайриқонунӣ амалӣ мешавад.

Мо, дар ҳаёт, дар кори тарбия бояд ба намоишкорӣ, ҳисоботдиҳӣ роҳ надода аз таҳти дил амал кунем.

Назирҷон ЭРГАШЕВ,
ноҳияи Чусти
вилояти Намангон .

РАНГОРАНГ

Дар роҳ – мӯйсафед

Ҳама ронандаҳо ҳамин хел? Не, ҳар хел мешудааанд онҳо ҳам.

Дар Қӯйлиқ ба таксие, ки ба водӣ рафтанист, савор шудем. Мо – се нафар. Нафари чаҳорум, ки зуд пайдо нашуд: – Аз роҳ мегирем, – гуфт ронанда ва паси фармон нишаст.

Мошин рафта истодааст. Як ҷой холӣ. Боз нафаре ёфт мешуд ва ... дилпур то Кӯқанд мерафтем. Ронанда низ «план» дорад, рӯзгор дорад.

Ниҳоят дар Оҳангарон нафаре даст бардошт: духтаре бо куртаи кӯтоҳдоман. Ронҳо – сап-сафед. Бо як назар пай бурдем, ки чӣ тавр худро оро додааст ӯ.

Мошин сust шуду наистод, бо суръати пештара пеш тохт.

– Чаро наистодед? – пурсидем.

– Ачина-ку, – гуфт ронанда.

– Чӣ хел ачина? – мо ҳайрон. – Духтар аст, замонавист. Ё пул намедиҳад?

– Медиҳад, медиҳад. Аммо...

Мошин ҳамон дар ҳаракат. Ба кори ронанда, ки мизочи тайёрро нагирифт, мо дар тааҷҷуб. Пул даркор нест?

– Лӯлӣ бошад ҳам гирифтан даркор буд, – даҳон кушод ҳампаҳлӯям. – Харашро об деҳ, пулашро гир!

– Дуруст, дуруст, – хандид ронанда.

Мӯйсафеде даст бардошт ин асно.

Мошин назди ӯ қарор гирифт.

– Падар, ба кӯҷо?

– Ба Кӯқанд, бачем.

– Нишинед!

Ҷавоне, ки паҳлӯи ронанда менишаст, ба мӯйсафед ҷой холӣ кард. Ба қафо, ба паҳлӯи мо ӯ ҷой гирифту мошин ба ҳаракат даромад.

Ҳампаҳлӯям пичиррос зад: «Мӯйсафед пул медода бошад?». «Ман ҳам дар ҳамин хаёл», – гуфтам оҳиста.

Тақрибан баъди чаҳор соат ба Кӯқанд даромадем.

Мӯйсафед: – Ҳамин ҷо қарор деҳ, бачем, – гуфту мошин паҳлӯи роҳ истод. Мӯйсафед дуокунон фуромад.

– Нағз равед, отахон, – гуфт ронанда ва мошин ба ҳаракат даровард.

– Пул надод... – дилу ҷигари мо хун. Вале ронанда бепарвост: – Пул надодани отаро медонистам. Дуо кард-ку...

Ҳа, ронандаҳо низ – гуногун.

Падар ва писар

Зану шавҳар писари хурдсоли худ ба ихтиёри писари калонӣ гузошта, ба сафари хориҷ мераванд. Чанд сол мегузарад. Ба додар ғамхорӣ мекунад калонӣ. Вай ногаҳон пай мебарад, ки додараш бо нашъамандон робита барқарор ва ... беро̀ҳа шудааст. Дилашро ваҳм пахш мекунад: «Чӣ ҷавоб медиҳам ба падар?»

Падар бармегардад ва бо огоҳ шудан аз воқеа ба калонӣ ҷазо медиҳад: бо мушт, бо лагад...

Гунаҳкорона сар ҳам кардааст калонӣ.

– Ман, ман... – мегӯяд изтиробзада.

– Ба ту бовар карда будам, падарлаънат! – ин мегӯяд падар ва боз ба ҳуҷум мегузарад.

... Ин ҳама дар кино, ки аз телевизион намоиш медиҳанд. Ин қадар таъзир, ин қадар таҳқир!

Вале вазнин аст писари калонӣ. Ба айби худ иқрор ва омода аст ба ҳар гуна ҷазо. Аммо ҳеҷ не алами падар паст шуда ва ...

Падар аз ҳад гузаронд, писар бахри ҳимояи худ ҳатто сар набардошт. Аммо... дар дили ман хавф, ки сабри ӯ сар омада:

–«Бас! – мегӯяд ба муқобили падар. – Бас!!! Фақат ман гунаҳкор? Сабабгори асосии ин ҳолат шумо не?!» Не, ин тавр нагуфт. Ҳомӯш аст.

Ва ниҳоят сар боло кард ва ба падар, ки ҳамон дар ҳолати хашм аст, нигарист.

Ҷониби ӯ қадам гузошт. Даст ба ду тараф кушод ва падарро ба оғӯш кашид:

– Гуноҳи худ мешӯям, додоҷон. Дер нашудааст. Ҳама кори худ гузошта, ба додар машғул мешавам. Дилпур бошед, дер нашудааст. Гуноҳи худ мешӯям!

Мутаассир мешавед аз филм. Дар ҳаёт низ ин гуна писарҳо, ки дар ҳар гуна вазъ ба чашми падар тағкашон наменигаранд, бошанд?

Ш. МУҲАММАД.

НАМУНАЕ АЗ ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ТОТӢ

Тотҳо яке аз қавмҳои ниҳоят қадимаи эронианд, ки дар ҳудуди шарқии Қафқози имрӯза, канорахои баҳри Хазар, дар ҳамсояги бо халҳҳои гурӯҳи қафқозу иберӣ ва туркӣ зиндагӣ доштаанд.

Забони тотӣ бо лаҳҷаҳои ҷузъӣ ҳамоно давоми забони паҳлавист бо омехтагии калимаҳои забони форсии нав. Маншаи калимаи тот, тоҷик ва толиш якест ва шояд то замони ҳамлаи араб номи ягонаи қавми эроние буда, ба форсии нав бо нишонаҳои забони паҳлавӣ такаллум мекард.

Тотҳо бо вучуди камшуморӣ (қариб 60 ҳазор нафар) гаравидаи се дини бузурги ҷаҳонӣ – яҳудият, масеҳияти силки ҷурҷӣ-аромани ва исломи ташаюъ мебошанд.

Ҳоло намунаеро аз зарбулмасалҳои тотӣ бо муодилҳои форсии тоҷикӣ барои хонандагон пешкаш менамоем.

Одомӣ ез сенқиш сехдӣ,
ез гудиш меҳенетӣ.
(Одамӣ аз санг сахту аз гул
нозуктар аст).

***

Онгур ез онгур нишон мегиру,
одомӣ ез одомӣ еқул.
(Ангур аз ангур ранг мегирад,
одам аз одам ақл).

***

Доқ е доқ расд наёв, одомӣ е одомӣ
расд миёв.
(Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба
одам мерасад).

***

Еилҳо дериҳо хуне базарӣ, еилҳо
недериҳо хуне қоврехуне.
(Хонаи бачадор бозор,
бебача мазор).

***

Зен мисоху мерде тоҷбесер,
зен мисоху мерде хокбесер.
(Мардро мард ҳам мекунад,
гард ҳам мекунад, зан мекунад).

***

Еқулменде душме ез хере дӯсд хубӣ.
(Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон).

***

Ез косиб худош визор.
(Аз нодор худо безор).

***

Сироире ез бишне хебер нибу.
(Серро чӣ парвои гурусна).

Раҳмон РАҶАБӢ.

ШАБИСТОНИ МЕҲР

(Аз силсилаи «Андешаҳо дар танҳоӣ»)

Шахси нобино ба асои худ такя намуда тамкини худро дармеёбад.

Аммо мо биноён чӣ?

Хуб мебуд агар биноён ба назаргоҳи қалби худ такя менамуданд.

* * *

Аз қасамхӯрӣ бояд худдорӣ намуд. Зеро қасам хӯрдан худро аз вартаи дурӯғҳо раҳо намудан аст.

* * *

Соҳиби виҷдони пок будан гавҳари бебаҳост. Маълум аст, ки гавҳари соф танҳо дар умқи нопайдои дарёст. Кош, ба даст овардани ин гавҳари пурқиммат ба ҳамагон насиб гардад.

* * *

Чун тири аз камон ҷаста сухани беҷо низ қалберо реш месозад, ҳатто ба сактаи дил оварда мерасонад.

Кош, ҳамагон ҳангоми сухан гуфтан ба меъёри андеша низ амал менамудем. Гумон мекунам, ки он замон кати бемориҳои қалб аз дармандон холӣ мегардид...

* * *

Дӯсте, ки лофи бародархондагӣ мезанад, дар асл дӯсти шумо набуда, танҳо ба сарвату мансаб ва ё истеъдоди шумо такя намуданро пеши худ мақсад гузоштааст ва бахри расидан ба ин мақсад аз чизе рӯй намегардонад

Дӯсти асил бошад, ҷояш ҳамеша дар паҳлӯи шумо буда, аз бародархондагӣ ҳарфе намезанад, вале мақомаш на камтар аз бародарони аслии шумост.

* * *

Нафарони соҳиби истеъдоди фитрӣ дар ягон замон рӯйи хориро нахоҳанд дид. Ҳарчанд баъзан аз ноҳақию сангпартоиҳо ба сактаи қалб гирифтор шаванд ҳам, чун алмосе, ки занг нахоҳад хӯрд, дар рӯйи Замин софу беғубор мемонанд.

С. МУҲАММАДҶОН,
вилояти Сурхондарё.

Фолнома

Дар боби тӯҳмат ва ғайбат

Агар касе ҳангоми суҳбат забонашро бичавад, ӯ ба тӯҳмат мубтало гардад.

***

Агар касе ҷорӯбро ба девор рост гузорад, ӯ гирифтори тӯҳмати ноҳақ шавад.

***

Агар ҷорӯб ба бадани касе расад ва ё агар касе шабҳангом ба оина нигон кунад, дар ҳаққи вай тӯҳмат шавад.

***

Агар ҷорӯб вақти ҷорӯбзанӣ ба пойи касе бархурад, ӯ ба тӯҳмати ноҳақ рӯ ба рӯ гардад.

***

Агар касе ҳангоми суҳбат забонашро бигазад, ба ӯ мегӯянд: «Касе аз ту ғайбат мекунад».

***

Агар нармаи гӯши касе сурх шавад ва ӯ дар гӯши худ гармӣ ҳис намояд, нишонаи он аст, ки дар ҳамон соат дар ҷойи дигар касе ғайбати ӯро мекунад.

***

Агар шамъи хонае ларзон-ларзон бисӯзад, мегӯянд: «Касе дар ҷойи дигар ғайбати соҳиби он хонаро мекунад».

Таҳияи **Н. НАИМ.**

ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

Эй Ҳофизи Шерозӣ,
Ту кошифи ҳар розӣ.



Пӯшида нест, ки ҳар касе мехоҳад бар сехри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо бахшида ба рӯҳи «Лисон-ул-ғайб»-и Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ния̀т карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазали интихобкардааш мезанад ва бинобар он розҷӯй мекунад. Ҳоло мо бори нахуст ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Манзили ҷонон» задем ва онро ҳамроҳ бо шарҳи фолаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем. Минбаъд дар ҳар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» ғазале аз Хоҷа Ҳофиз бо шарҳи фолаш ба чунин тартиб пешниҳоди хонандагони гиромӣ хоҳад шуд.

ЗИЁРАТГОҲ БА УСУЛИ ЗАРДУШТӢ

Маҷмӯаи «Деггарон» яке аз ёдгориҳои қадимии ноҳияи Карманаи вилояти Навоӣ буда, он аз маркази ноҳия 30 км. – дар деҳаи Ҳазора воқеъ аст. Намои берунии он боҳашам набошад ҳам, ба фикри бостоншиносон, дар асоси услуби меъмории замони зардуштӣ барпо шудааст. Ба гуфтаи бостоншиноси рус В.Шишкин, масҷид аз хишти пухтаи махсус тахминан дар асрҳои VIII-IX сохта шудааст.

Бостоншиносони дигар онро мансуб ба асри XI ҳисобидааанд. Маҷмӯа аз 15 пояи девори ғафсиаш 1 метр иборат. Дар чор устуни хишти пухта, ки диаметри ҳар яки он 1,28 метр мебошад, равоқи 12-гӯшаи орододашуда сохта шудааст.

Қисми болоии он бо 9-то гунбаз пӯшонда шудааст. Дар дохили маҷмӯа қабри пешвои шинохтаи тасаввуфи замони худ Мавлоно Орифи Деггаронӣ (тахминан солҳои 1313-1375) ҷой гирифтааст. Алҳол саҳнаи мазкур аз таъмир баромада, ба зиёратгоҳ табдил ёфтааст. Дар шафати масҷид чоҳи чуқуриаш 23 метра мавҷуд. Аҳолии маҳаллӣ оби онро бо хусусияти шифобахшиаш пос медоранд.

Сайёҳон ба ин ҷо натанҳо аз дохили кишвар, балки аз хориҷ ҳам меоянд.

Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).



Манзили ҷонон

Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.
Ба бӯйи нофае, к-охир сабо з-он турра бикшояд,
Зи тоби зулфи мушкинаш чӣ хун афтод дар дилҳо.
Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,
Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо.
Маро дар манзили ҷонон чӣ амни айш, чун ҳар дам
Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо.
Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,
Кучо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо.
Ҳама корам зи худкомӣ ба бадномӣ кашид охир,
Ниҳон кай монад он розе, к-аз он созанд маҳфилҳо.
Ҳузуре гар ҳамехоҳӣ, аз ӯ ғоиб машав, Ҳофиз,
Мато мо талқа ман таҳво даиддунё ва аҳмилҳо.

Оғози ишқ осон аст, вале бас сахт ва душвор дар пеш рӯ мениҳад. Ба ин дунёи фонӣ набояд дил баст. Якравӣ, саркашӣ ва худкомӣ балои ҷони ошиқ аст ва бояд аз насиҳати бузургон ва касоне, ки умре ё донише бештар аз мо доранд, истифода кунем.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

ИФОДАҲОИ ОБДОРИ САМАРҚАНДИЁН

Ин зан туя ба нӯги сафедор мебарорад. (Дар бораи зане мегӯянд, ки дар зери пои шавҳараш оташ мегиронад).

***

Аз хирмани холӣ – сад ман шолӣ. (Дар бобати саҳифаҳои баъзе рӯзномаҳо ва барномаҳои телевизион).

***

Савори хари ҳамсоя ба ҷаннат рафт. (Дар бораи фиребгаре гӯянд, ки моли касеро истифода карда манфиат мебинад).

***

Бо бинеш ба осмон хат мекашад. (Дар бораи одами ҳавобаланде мегӯянд, ки фукаш дар осмон аст).

***

Дар таги домани занаш мегардад. (Дар бораи марде мегӯянд, ки тамоми ихтиёри худро ба занаш супоридааст).

***

Аспро наъл кунанд, қурбоққа низ поша бардоштааст. (Оид ба тақлиди бемаврид).

***

Аз сад сӯми мусофирӣ як сӯми муҷовирӣ беҳтар аст. (Калимаи «муҷовир» ин ҷо ба маъноии ҳамсоя ва наздик омадааст).

***

Хока гирӣ аз хоктӯдаи баланд гир. (Дар бораи интихоби арӯс мегӯянд).

***

Моли мумсик – хӯроки кисабур. (Дар бобати сарватмандоне мегӯянд, ки аз хайру саховат дуранд ва дуздону ҳаннотон бо ҳар восита онҳоро ғорат мекунанд).

***

Беадабро ҳар кучо ёбӣ бикӯб, хирс мулло мешавад аз зарби чӯб.

***

Мурғ, ки фарбеҳ шуд, аз зоидан мемонад. (Дар бораи чашмтангии бойҳои нав).

***

Роҳи дида бирав гарчанд дур аст,
Зана надида магир, гарчанд ҳур аст.

Таҳияи **Б. ЗОҲИРЗОДА.**

Санҷиши қалам

ЯК ПОРАИ ШЕЪР — ЯК ПОРАИ ҶОН

(ҲИКОЯ)

Нисфи шаб буд. Ман он шаб дар худ намегунҷидам. Тамоми вуҷудамро эҳсоси ачибе фаро гирифта буд. Зеро ман шеър навишта будам. Бале, шеър. Мехостам аз шодӣ ба рақс дароям. Аммо хоби ширини се нафар шариконамро дида худдорӣ кардам. Ба худ бовар намекардам, ки ман шеър навиштаам. Пораи шеърамро такрор аз назар мегузарондам. Аз зуҳури ин чакида ашк дар чашмонам ҳалқа мезад. Ашки шодӣ. Ин ишку ошиқӣ буд, ки ман ба шеърнависӣ пардохтам. Ман ӯро хеле дӯст медоштам. Сафедаки дӯстрӯяки ҷингиламӯйро. Шеъри худро низ ба ҳамон ҷингиламӯй бахшида будам.

Бесаброна интизор будам, ки кай рӯз мешаваду ман ин навиштаи худро ба ӯ мехонам. Дар бораи дар кучо ва чӣ гуна хондани шеъри худ фикр мекардам...

Пораи шеър ба даст дар роҳи пурпечутоб тез-тез қадам мемондам. Бо сад хаёли ширин ба дари донишгоҳ расидам ва қарор кардам, ки аз дарс баромадани маъшуқаи худро дар ҳамонҷо интизор шавам. Ногоҳ овози ҷарангосии зангула садо доду тамоми баданам аз ҳаячон ба ларза омад. Яқинан медонистам, ки ӯ бо сад нозу дилрабой аз дари донишгоҳ мебарояд.

Селаи донишҷӯён, ки аз дари донишгоҳ мебаромаданд, кам намешуд. Ман бошам аз дари донишгоҳ чашм намекандам. Дар сояи дарахти сафедор, ки бо шоху баргҳои худ ҷисми чун дар обу оташ афтодаи манро аз сӯзиши офтоби тафсон начот медод, рост меистодам.

Ниҳоят духтараки ҷингиламӯй, бо нозу назокат қадамзанон, дар иҳотаи дугонаҳояш берун омад. Мӯйҳои маллааш дар зери нурҳои офтоб чун тилло медурахшиданд. Аз чеҳраи гулгуну хандони ӯ маълум буд, ки табъаш болида аст.

Ӯро бо дугонаҳояш дида ба наздаш рафтанро барои худ фурсати номуносиб донистам. Дар пушти дарахт пинҳон шудам ва шеъри аввалини худро охирин бор аз назар гузарондам. «Ба ӯ хонам ё нахонам?» аз дил мегузарондам.

Аз овози баланди онҳо маълум буд, ки хеле наздик омадаанд ва ман бе ҳеҷ монеа гапҳои онҳоро мешунидам.

Яке аз онҳо гуфт :

– Шунидед? Дӯстдори Фарида барои ӯ дар зодрӯзаш шеър тухфа кардааст. Як варақ шеър.

Ҳамагӣ қаҳ-қаҳ зада хандиданд ва истоданд. Гӯё кадом як дугонаи ақибмондаи худро интизор мешуданд.

– Наход шеър тухфа карда бошад? Магар ҳозир замони шеър тухфа мекардагист?– гуфт яке аз онҳо.

Ногоҳ овози шиносе ба гӯшам расид, ки гапҳои онҳоро об медод :

– Кадом одами аз замон ақиб монда будаст-дия. Соат ё дастпонаи тилло тӯҳфа кун буд. Як даста гул мешуд ҳам майлаш буд. Аз шеъри вай чӣ фоида?

Бале ин овози ҳамон духтаре буд, ки ман ҳаёти худро ба ивази овози маҳин, суханҳои ширин ва ҳусну латофати ӯ бохта будам. Ӯро бо тамоми ҳастиям дӯст доштам. Аз шунидани садои ӯ лаззат мебурдам.

Дар як лаҳза фикрам батамом дигар шуд.

Акнун садои дилнавози ӯ пардаҳои гӯшамро мехарошид. Пеши чашмонам торик гаштаву дар як ҷо рост меистодам. Дигар маҷоли роҳ гаштан надоштам. Моту мабхут будам...

Хусейн СОДИҚОВ,
донишҷӯйи ДДС.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми нашри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-335. Адади нашр 1178, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.